БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

«Тасдиқ шудааст»
Бо Фармони Директори
ҶСДММ «Спитамен Суғурта»
____________ Мурватов Б.
аз «05» марти 2020 сол, №06/1

# ҚОИДАИ СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ МУСОФИРОН

Душанбе – 2020

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Қоидаи мазкури суғуртаи ихтиёрии мусофирон (минбаъд «Қоида» ва ё «Қоидаҳои суғурта» номида мешаванд) мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, муносибати байни Суғуртакунанда ва Суғурташавандаро аз рӯи шартномаи суғуртаи ихтиёрии мусофирон ба танзим медарорад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

- ташкилоти суғуртавӣ – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми назорати суғуртавӣ ба роҳ мемонад;
- суғурташаванда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо ташкилоти суғуртавӣ шартномаи суғуртаро бастааст;
- фоидагиранда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар шартномаи суғуртавӣ таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст;
- хавфи суғуртавӣ – ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад;
- тарифи суғуртавӣ - арзиши воҳиди рӯйпӯшкунии суғуртавӣ;
- ҷуброни суғуртавӣ – маблағе, ки ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи шартномаи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ барои пӯшонидани зарари ба молу мулки суғурташуда расонида пардохт менамояд;
- мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) - маблағи пулии дар шартнома дарҷшуда, ки онро суғурташаванда уҳдадор аст ба ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва дар муҳлатҳои дар шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд;
- маблағи суғуртавӣ - маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад;
- ҳодисаи суғуртавӣ - воқеъае, ки ҳангоми рух додани он ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) тибқи қонун ва шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;
- шартномаи суғурта - шартномае, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст, ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст, ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад;
- полиси суғуртавӣ - ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани шартномаи суғурта ва тибқи талаботи шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд;
- франшиза – маблағи аз ҷониби шартномаи суғуртавӣ пешбинишуда дар ҳаҷми муқарраргардида, ки дар ҳудуди он суғуртакунанда аз пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ) озод карда мешавад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- шахси суғурташуда – шахси воқеӣ, ки ба фоидаи ӯ шартномаи суғуртаи шахсӣ баста шудааст ва ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо шартномаи суғуртаи ҷавобгарии граждании ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ӯ суғурта карда шудааст.

## 3.СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

3.1. Субъектҳои суғурта ин Суғуртакунанда, Суғурташаванда ва Фоидагиранда мебошад.

3.2. Ба сифати Суғуртакунанда ҶСДММ «Спитамен Суғурта» дониста мешавад, ки дар асоси иҷозатномаи мақоми назорати суғуртавӣ ҳуқуқи бастани шартномаҳои суғуртаи ихтиёрии мусофирони нақлиётҳои ҳавоӣ, роҳи оҳан, обӣ ва автомобилиро дар минтақаҳои дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз марзи Ҷумҳурӣ то нуқтаи таъинотӣ амалӣ менамояд.

3.3. Суғурташаванда шахсони ҳуқуқӣ ва воқеъи ба ҳисоб меравaнд, ки бо Суғуртакунанда шартномаи суғурта бастаанд.

3.4. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад дар мавриди бастани шартномаи суғурта шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро барои гирифтани пардохти суғуртавӣ тибқи шартномаи суғурта Фоидагирандаро таъин намояд.

## 4. ОБЪЕКТҲОИ СУҒУРТА

4.1. Объекти суғурта манфиатҳои молумулкии мусофирон (сайёҳон, экскурсантҳо ва диг.) вобаста бо ҳаёту саломатии онҳо мебошад, ки Суғурташаванда онҳоро интиқол менамояд (минбаъд дар матн – Суғурташудагон).

4.2. Мусофирони нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан, баҳрӣ, обию автомобили дохилӣ, инчунин сайёҳону экскурсантҳое, ки тавассути ташкилотҳои сайёҳию экскурсионӣ сайр менамоянд, дар вақти сафар (парвоз) то маҳалли мақсади сафар воҷиби суғурта мебошанд.

4.3. Ҳуқуқҳои суғурташудагон ба таъмини ҳимояи суғуртавӣ тавассути Суғурташаванда бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

4.4. Мусофирони ҳамаи намудҳои нақлиёти хатсайрҳои байналмилалӣ, роҳи оҳан, баҳрӣ, обию автомобили дохилии нақлиёти хатсайрҳои наздишаҳрӣ ва гузаргоҳҳои обӣ, нақлиёти автомобили хатсайрҳои шаҳрӣ воҷиби суғурта намебошанд.

## 5. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Далелҳои зерин (ба истисноии ҳодисаҳое, ки дар мавридҳои дар Қоидаи мазкур нишон дода шудаанд) ҳодисаҳои суғуртавӣ ҳисобида мешаванд, ки он дар давраи амали Шартнома ва ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда, аз тарафи мақомотҳои дахлдор мувофиқашуда, ҷой дорад:

- гум кардани қобилияти меҳнат (маъюбшавӣ, маъюбшавии тассодуфӣ, лати устухон, лати дандон, сӯхтан, барориш ё захмдории бадан).

- фавт (фавти мусофир).

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 6. ХАВФИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Мусофирон аз лаҳзаи нишаст ва то расидан ба нуқтаи охир, ки онҳо дар нақлиётҳои дар боло зикргардида шахсони суғурташуда ҳисобида мешаванд.

6.2. Аз ҳодисаи нохуш (ҳодисаҳои роҳу нақлиёт) дар вақти сафар ба шахси суғурташуда рӯйдода, ки дар натиҷаи он ба маҷрӯҳии дараҷаҳои I, II, III ва аз даст додани қобилияти меҳнатӣ оварда мерасонад, дар давоми сафар аз нуқтаи савор то ба расидани нуқтаи охирон аз ҳодисаҳои ногаҳонӣ ва нохуш ба ҳисоб меравад.

6.3. Фавти шахси суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи ногаҳонӣ (ҳодисаҳои роҳу нақлиёт) ва нохуш, ки ба ӯ ҳангоми аз нуқтаи савор то нуқтаи охирон бо шартҳои ҳамин Қоида басташуда рух додаст.

6.4. Мусофироне, ки нуқтаи охирини таъиноти дигар дар баробари он, ки онҳо истгоҳу бароришро амалӣ менамоянд, инчунин суғурташуда ҳисобида мешаванд.

6.5. Кӯдакони то сини 5 сола, ки онҳо бо калонсолони суғурташуда ҳамроҳ мебошанд бе пардохти ҳаққи суғуртавӣ (мукофоти суғуртавӣ) суғурташуда ҳисобида мешаванд.

6.6. Дигар хавфҳои суғуртавие, ки Суғуртакунанда бо Суғурташаванда дар шартномаи суғуртаи ихтиёрии мусофирон бо розигии тарафайн ба зимма мегирад амалӣ карда мешаванд.

## 7. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Маблағи суғуртавӣ (ҳадди аксари пардохтҳои суғуртавӣ) аз рӯи созишномаи тарафҳо барои ҳар як Суғурташуда муқарар карда мешавад.

7.2. Маблағи суғуртавӣ барои ҳар як мусофир бо розигии тарафайн дар шартномаи суғуртавӣ муайян карда мешавад.

7.3. Маблағи суғуртавӣ метавонад, ҳам ба пули сомонӣ, ва ҳам бо асъори хориҷӣ муқарар гардад. Ҳангоми истифода аз асъори хориҷӣ ва дар мавриди муайян намудани маблағи суғуртавӣ, пардохти суғуртавӣ бо пули сомонӣ аз рӯи қурби асъори муқаррарнамудаи Бонки милии Тоҷикистон дар рӯзи пардохт амалӣ карда мешавад, агар дигар қурб бо созиши тарафҳо муқарар нагардида бошад. Дар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, пардохт метавонад бо асъори хориҷӣ амалӣ гардад.

7.4. Дар ҳолати тағийр ёфтари арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо дар давраи амали Шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад ҳаҷми подоши суғуртавиро тағийр диҳад, агар дигар ҳолатҳо дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

7.5. Метавонад дар Шартномаи суғурта чунин пешбинӣ шуда бошад, ки подоши суғуртавӣ бо пардохти яквақтина ва /ё мӯҳлатнок бо роҳи ҳисоби нақдӣ ва ё ғайринақдӣ амалӣ гардад.

## 8. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

8.1. Меъёри тарифӣ дар асоси меъёрҳои тарифии базавӣ бо дарназардошти шартҳои мушахасси суғуртавӣ муқарар карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

8.2. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ, ки бояд ба Суғурташаванда аз рӯи Шартномаи суғурта пардохт гардад, Суғуртакунанда тарифҳои бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа кардашударо истифода мебарад, ки дар асоси он мукофоти аз ҳар воҳиди маблағи суғуртавӣ ситонидамешуда бо дарназардошти маълумотҳои пешниҳодкардаи Суғурташаванда оид ба хусусиятҳои хоси дараҷаи хавф муқаррар карда мешавад.

## 9. ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

9.1. Ҳаққи суғуртавӣ аз рӯи созишномаи тарафҳо метавонад, ҳам ба пули сомонӣ ва ҳам ба асъори хориҷӣ муқаррар гардад. Ҳаққи суғуртавии бо асъори хориҷӣ муқарраргардида, аз рӯи қурби асъори муқаррарнамуди Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи пардохт, пардохта мешавад, агар қурби дигари асъор аз ҷониби тарафҳо муайян нашуда бошад. Дар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, подоши суғуртавӣ метавонад бо асъори хориҷӣ амалӣ гардад.

## 10. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ НАМУДАНИ ШАРТНОМАҲОИ СУҒУРТА

10.1. Барои ба имзо расонидани Шартномаи суғурта, Суғурташаванда ба Суғуртакунанда бо ариза оиди ба имзо расонидани Шартномаи суғурта муроҷиат менамояд. Дар аризаи суғуртавӣ бояд, ки чунин нишондодҳо ишора гарданд:

10.1.1. Ном, насаб, номи падар, санаи таваллуд, суроғаи пурраи макони зисти ҳақиқии Суғурташуда, дигар маълумотҳо бо талаби Суғуртакунанда. Маълумотҳо дар бораи ашхоси Суғурташуда метавонанд ба намуди рӯйхати ба аризаи суғуртавӣ замимашаванда, ба расмият даровarda шаванд.

10.1.2. Номгӯ, суроғаи макони будубош, телефон, телефакс, маълумотҳои бонкии Суғурташаванда – шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ.

10.1.3. Мӯҳлати ба имзорасии шартнома.

10.1.4. Дигар маълумоте, ки метавонад Суғуртакунанда барои ҳалли масоили вобаста ба баста шудани шартнома дархост намояд.

10.2. Дар асоси маълумоти гирифта Суғуртакунанда ҳаҷми подоши ҷоизи пардохтбударо муқаррар мекунад.

10.3. Шартномаи суғурта аз санаи дар он ишорашуда қувваи қонунӣ мегирад.

10.4. Шартномаи суғурта дар намуди ҳуҷҷати ягона, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидааст баста мешавад – Шартномаи суғурта. Созишнома оиди даровардани тағийрот ва ё бекор намудан бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати ягона ва ё табодули ҳуҷҷатҳо ба воситаи алоқаи почтавӣ, телеграфӣ, телетайпӣ, телефонӣ, телефаксӣ, электронӣ ва дигар намудҳои алоқа амалӣ мегардад.

10.5. Баъди ба имзо расидани шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ба Суғурташуда полиси Суғуртавии тиббии суғуртаи ихтиёриро пешниҳод менамояд. Ба полис Барнома, номгӯи муассисаҳои тиббӣ ва ҳангоми зарурат дигар ҳуҷҷатҳои иттилоотӣ, ки аз ҷониби тарафҳо мувофиқа шудааст (масалан, гузарнома ба муассисаҳои тиббӣ) замима карда мешаванд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

10.6. Ҳангоми аз ҷониби Суғурташуда гум карда шудани ҳуҷҷатҳои дар Қоида ишорашуда (минбаъд «Ҳуҷҷатҳои суғуртавӣ» номида мешаванд), ӯ бояд ки ба таври хаттӣ ба Суғуртакунанда барои гирифтани нусхаи ҳуҷҷатҳо муроҷиат намояд.

10.7. Шартномаи суғурта метавонад дар ҳар кадом мухлати аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда ба имзо расад.

10.8. Шартномаи суғурта нисбати Суғурташуда дар чунин ҳолатҳо қатъ мегардад:

10.8.1. Дар ҳолати ба итмом расидани мӯҳлати амали шартномаи суғурта.

10.8.2. Бо талаби Суғуртакунанда – дар ҳолати пардохт нагардидани ҳаққи суғуртавӣ (ҳаққи суғурта) дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қоида, агар дар Шартномаи суғурта дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд;

10.8.3. Бо талаби Суғурташаванда – дар мӯҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта.

10.8.4. Аз рӯи тавофуқи тарафҳо.

10.8.5. Дар ҳолати аз рӯи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам додани Суғуртакунанада.

10.8.6. Дар ҳолати барҳам додани Суғурташаванда – шахси ҳуқуқӣ, агар Суғурташуда иҷрои ӯҳдадориҳои Суғурташавандаро оиди пардохти подоши суғуртавӣ қабул накарда бошад.

10.8.7. Аз ҷониби Суғуртакунанда ба пуррагӣ иҷро гардидани ӯҳдадориҳои шартномавӣ.

10.8.8. Дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи суғурта.

10.8.9. Дар ҳолати бо дархости Суғуртакунанда пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ҳаққи суғуртавии пардохтшударо барои муҳлати ба охир нарасида бо тарҳи хароҷотҳои амалӣ намудааш, ки 25% (бисту панҷ фоиз) аз маблағи ҳаққи суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавиро ташкил медиҳад, бармегардонанд.

Агар талаботи Суғуртакунанда нисбати Суғурташаванда оид ба ичро нагардидани шартномаи суғурта аз ҷониби охирон асоснок шуда бошад, ҳаққи суғуртавӣ ба Суғурташаванда бо тарҳи ҳаммаи хароҷотҳои Суғуртакунанда, ки барои бастани Шартномаи суғурта сарф карда шудааст баргардонда мешавад.

Дар ҳолати бо дархости Суғурташаванда пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани шартномаи суғурта, Суғуртакунанда ҳаққи суғуртавии пардохтшударо барои мӯҳлати ба охир нарасида бо тарҳи хароҷотҳои амали намудааш, ки 25% (бисту панҷ фоиз) аз маблағи ҳаққи суғуртавӣ ва ҷуброни суғуртавиро ташкил медиҳад, бармегардонад.

Агар талаботи Суғурташаванда нисбати Суғуртакунанда оид ба иҷро нагардидани шартномаи суғурта аз ҷониби охирон асоснок шуда бошад, ҳаққи суғуртавӣ ба Суғурташаванда пурра баргардонида мешавад.

10.9. Агар дигар ҳолат дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад, ҳангоми пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани Шартномаи суғурта ба пуррагӣ ва ё нисбати кадоме аз Суғурташуда, Суғуртакунанда подоши суғуртавиро ба ҳаҷме, ки аз қисми

NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

подоши ба мӯҳлати пардохтгардидаи амали Шартномаи суғурта зиёдро бармегардонад.

## 11. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

11.1. **Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:**

11.1.1. Аз Суғуртакунанада ташкили пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ ва пардохти онҳо, ва ё танҳо пардохтро тибқи шартҳои Шартномаи суғурта талаб намояд.

11.1.2. Дар муддати амали шартнома бо розигии Суғуртакунанда ҳаҷми ӯҳдадориҳои охиринро аз рӯи Барномаи интихобнамудаи Суғурташаванда кам намояд ва ё зиёд кунад, ва ё номгӯи муассисаҳои тиббӣ ва /ё Барномаҳоро бо роҳи ба имзо расонидани созишномаи иловагӣ бо Суғуртакунанда бо аз нав ҳисоб намудани мувофиқаткунандаи имкондоштаи ҳаҷми подоши суғуртавӣ тағийр диҳад, агар дар шартномаи суғурта дигар ҳолатҳо пешбинӣ нашуда бошанд.

11.1.3. Шартномаи суғуртаро пеш аз мӯҳлат қатъ намояд.

11.1.4. ашхоси иловагиро бо розигии Суғуртакунанда аз рӯи шартномаи амалкунандаи суғурта, суғурта намояд ва ё амали Шартномаи суғуртаро нисбати қисме аз ашхоси Суғурташуда бо розигии онҳо қатъ намояд, агар дигар ҳолатҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

11.2. **Суғурташаванда ӯҳдадор аст:**

11.2.1. Ба Суғуртакунанда маълумотҳои зарурии ба Суғурташуда алоқамандро пешниҳод намояд.

11.2.2. Мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавӣ) дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи Шартномаи суғурта ва дар ҳаҷми муайяннамудаи Шартномаи суғурта пардохт намояд.

11.2.3. Дар ҳолати зиёд гаштани арзиши хизматрасониҳои тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо дар давраи амали Шартномаи суғурта, бо талаби Суғуртакунанда подоши суғуртаро иловатан супорад, агар дигар ҳолатҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

11.2.4. Ба Суғурташуда ҳуҷҷатҳои зарурии дар Шартномаи суғурта ифодагаштаро интиқол диҳад ва ҳангоми гум шудани онҳо нусхаи онҳоро пешниҳод намояд, инчунин шартҳои Шартномаи суғартаро шарҳ диҳад.

11.2.5. Дар муддати 72 соат Суғуртакунандаро оид ба ҳодисаи суғуртавӣ огоҳ намояд ва дгар чораҳоро оид ба ҳуқуқи иддао (регресс) карданро нисбати шахси гунаҳкор таъмин намояд.

11.2.6. Оиди тағийр ёфтани маълумотҳои бонкии худ, макони будубош, рақамҳои телефонҳои васлӣ ва телефаксҳо, инчунин оиди тағийр ёфтани насаб, ном, номи падари Суғурташуда ва макони зисти ҳақиқии ӯ, фавран ба Суғуртакунанда хабар диҳад, агар дигар ҳолатҳо дар Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

11.3. **Суғурташуда ҳуқуқ дорад:**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.3.1. Аз Суғуртакунанда ташкил ва расонидани хизматрасониҳои тиббӣ ва пардохти онҳо ва ё танҳо пардохти хизматрасонии онҳоро тибқи шартҳои Шартномаи суғурта талаб намояд.

11.3.2. Аз Суғуртакунанда ҷуброни хароҷоти худро барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ талаб намояд, агар дигар ҳолат бо шартҳои Шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошад.

11.3.3. Ба Суғуртакунанда ба таври хаттӣ оиди ҳолатҳои набудан, пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди бесифати хизматрасониҳои тиббӣ хабар диҳад.

11.3.4. Ҳангоми гум кардани ҳуҷҷатҳои суғуртавӣ, нусхаи онҳоро гирад.

11.4. **Суғурташуда ӯҳдадор аст:**

11.4.1. Тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои тиббиро, ки дар Барнома пешбинӣ шудаанд, риоя намояд.

11.4.2. Дастурҳои табиб, ки дар рафти пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ гирифтааст, инчунин тартиби муқаррарнамудаи муассисаи тиббиро риоя намояд.

11.4.3. Полиси Суғуртавӣ ва Барномаро ба ашхоси дигар бо ҳадафҳои аз ҷониби онҳо гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ, ки дар Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, интиқол надиҳад.

11.4.4. Оиди тағийр ёфтани насаб, ном, номи падари худ ва ҷои зисти ҳақиқии худ фавран ба Суғуртакунанда хабар диҳад.

11.4.5. Ҳангоми гум кардани ҳуҷҷатҳои Суғуртавӣ фавран оиди он ба таври хаттӣ ба Суғуртакунанда барои гирифтани нусха муроҷиат намояд.

11.4.6. Пешакӣ аз вақти зиёрати табиб ва ё даъвати табиб ба хона, ки сабт гардида буд, бо шарҳ додани чунин дасткашӣ дар муассисаи тиббӣ даст кашад.

11.4.7. Ҳаққи суғуртавиро пардохт намояд, агар чунин ҳолат дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.5. **Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:**

11.5.1. Маълумоти аз Суғурташаванда ва Суғурташуда гирифтаро тафтиш намояд.

11.5.2. То қабул намудан барои суғурта гузаронидани тамоми ташхисоти тиббии иловагиии шахси барои суғурта қабулшаванд ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолати саломатии ӯро талаб намояд.

11.5.3. Шартномаи суғуртаро нисбати Суғурташуда яктарафа қатъ намояд, агар ӯ ӯҳдадорҳои дар Қоида пешбинишударо иҷро накарда бошад ва чунин иҷро накардан ба хароҷоти иловагии Суғуртакунанда оварда расонид ва ё метавонист оварда расонад, бо роҳи равона кардани огоҳиномаи мувофиқакунанда ба Суғурташаванда/Суғурташуда қатъ намояд.

11.6. **Суғуртакунанда уҳдадор аст:**

11.6.1. Пешниҳоди хизматрасониҳои тиббие, ки дар Барнома пешбинӣ шудаанд, барои Суғурташуда ташкил намояд ва пардохт кунад ва ё танҳо пардохт намояд, агар ин дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

11.6.2. Аз ҷониби Суғурташуда гирифтани доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббӣ доштаро, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст, ташкил ва пардохт намояд, агар ин дар шартноима суғурта пешбинӣ шуда бошад.

11.6.3. Ҳаҷм, мӯҳлатҳо ва сифати хизматрасониҳои аз ҷониби ӯ ташкилгардидаро назорат намояд.

11.6.4. Пардохти суғуртавиро бо роҳи ба Суғурташуда ҷуброн намудан амалӣ гардонад, ки онҳоро ӯ барои гирифтани хизматрасониҳои тиббӣ хароҷот намудааст, агар ин дар шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад, инчунин арзиши доруворихо ва маснуоти таъиноти тибби доштаи харидоринамудаи Суғурташударо, агар чунин тартиби пардохти суғуртавӣ дар шартномаи суғурта ва Барнома пешбинӣ шуда бошад, ҷуброн намояд. Пардохти суғуртавӣ дар мӯҳлатҳои муқарарнамудаи шартномаи суғуртавӣ баъди гирифтан ва тафтиш намудани аризаи хатии Суғурташуда, ҳисобҳои ҳақиқии пардохташуда бо ишораи муассисаи тиббӣ (дорухона ва ё дигар ташкилот), номгӯи муфассали хизматрасониҳои пешниҳодгардида (доруворихо, маснуоти таъиноти тибби дошта) ва арзиши онҳо, нисбати доруворихо ва маснуоти таъиноти тиббӣ дошта, инчунин тасдиқи иқтибоси табиби муоиличавии муассисаи амбулаторӣ – поликлиникавӣ ва ё статсионарӣ амалӣ карда мешавад.

11.6.5. Ба Суғурташуда ҳуҷҷатҳои суғуртавие, ки дар шартномаи суғурта пешбинӣ шудаанд, пешниҳод намояд, ҳангоми гум шудани онҳо – нусхаи онро пешкаш намояд.

11.6.6. Дар ҳолати аз ҷониби муассиаси тиббӣ беасос даст кашидан аз пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ ба Суғурташуда, ки чунин хизматрасониҳо тибқи шартномаи суғурта аз ҷониби Суғуртакунанда ташкил карда мешаванд ва ё дар ҳолати пешниҳоди нопурра ва ё бесифати хизматрасониҳои тиббӣ аз ҷониби муассисаи тиббӣ, ба Суғурташуда ба маблағи хизматрасонии пешниҳоднагашта (нопурра пешниҳодгашта ва ё бесифатона пешниҳодгашта) ҷарима супорад, агар дар шартномаи суғурта дигар ҳолат пешбинӣ нашуда бошад.

11.7. Аз ҷониби Шартномаи суғурта метавонад дигар ҳуқуқу ӯҳдадориҳои Суғурташаванда, Суғурташуда ва Суғуртакунанда пешбинӣ гарданд.

## 12. МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

12.1. Ҳангоми сар задани ягон ҳодисаи суғуртавии бо шартномаи суғурта пешбинишуда шахси суғурташуда бо Суғуртакунанда пайваст шуда, доир ба воқеае рух дода, ки дар натиҷаи он мусофирони нақлиёти обӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан ва ё нақлиёти замини зарари ҷисмонӣ гирифтааст ва ё фавтидааст бояд хабар расонад.

12.2. Суғуртакунанда воқеаи рухдодаро аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида омӯхта ҳаҷми воеии зарарро муайян менамояд.

12.3. Дар ҳолати зарури Суғуртакунанда дар ҷои ҳодисаи рух дода сафар намуда маълумотҳои заруририро вобаста ба ҳодисаи рухдода таҳлил менамояд.

12.4. Дар ҳолати заруриӣ Суғуртакунанда ва ё Суғурташаванда ҳуқуқ доранд вобаста ба ҳолати ба миён омада тамйизгари мустақилро (бетарафро) барои муайян намуда сабаби ҳодиса ва ҳаҷми зарар ҷалб намоянд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 13. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Тартиби муайянкунии маблағи пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ) бо талаботҳои муқаррарнамудаи Қоидаи мазкур муайян карда мешавад. Ҷуброни суғуртавӣ пас аз он, ки Суғурташаванда (Фоидагиранда) мутобиқи шартҳои Шартномаи суғурта пешниҳод намудани аризаи хаттӣ оид ба ҳодисаи суғуртавӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели рух додани ҳодисаи суғуртавӣ, хусусият ва ҳаҷми зарарҳо, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳаҷми зарар, санади суғуртавӣ ва ҳисобу китоби зарарҳо, пардохт карда мешавад.

13.2. Ҳангоми мавҷудияти суғуртаи дукарата, ҷуброн аз ҷониби Суғуртакунанда танҳо ба он қисмати зарар, ки бо Шартномаҳои дигари суғуртавӣ дарбар гирифта намешавад, пардохт карда мешавад.

13.3. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ ба Суғурташаванда дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ баъди аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидани Санад оиди ҳодисаи суғуртавӣ, пардохт карда мешавад.

## 14. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

14.1. Ҳодисаҳои зерин ҳамчун ҳодисаҳои суғуртавӣ этироф карда намешаванд агар онҳо дар натиҷаҳои ҳолатҳои зерин ба вуҷуд омада бошанд:

- амали барқасдонаи Суғурташаванда (Фоидагиранда ва ё Мусофирон) ки ба пайдошавии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудааст;
- мастшавии машруботӣ, нашаъмандӣ ё токсикии Суғурташаванда (Фоидагиранда, Мусофирон);
- содир намудани Суғурташаванда (Фоидагиранда ва ё Мусофирон) зиддиятҳои бевоситаи алоқамандӣ дошта бо сабаби ҳолатҳои суғуртавӣ;
- худкушӣ (суиқасди Суғурташаванда Фоидагиранда ва ё Мусофир), бо истисnои он ҳолатҳое, ки Суғурташавандаро то ба ҳамин ҳолат, аз тарафи шахсони сеюм расонда шудааст;
- амалиётҳои ҳарбӣ, оқибати онҳо, исёнӣ халқ, корпартоӣ;
- таркишҳои ядрой, радиатсионӣ ва гирифторшави радиоактивӣ;
- дигар ҳолатҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат дошта аз тарафи суд амалҳои ғайриқонунӣ эътироф карда шудааст.

## 15. ФРАНШИЗА

15.1. Дар Шартномаи суғуртавӣ франшиза (шартӣ ва ғайришартӣ) пешбинӣ шуда метавонад.

15.2. Ҳангоми франшизаи шартӣ Суғуртакунанда аз ҷавобгарӣ барои зарар, агар он аз ҳаҷми франшиза зиёд набошад, озод карда мешавад.

15.3. Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ ҷавобгарии Суғуртакунанда бо ҳаҷми зарар ками франшиза муайян карда мешавад. Франшиза бо ризоияти тарафҳо ҳангоми ба имзо расонидани Шартномаи суғуртавӣ бо дарсад нисбат ба маблағи суғуртавӣ ё бузургии мутлақи он муайян карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

15.4. Ҳамагуна меъёри ҷавобгарӣ аз рӯи Шартнома суғуртавӣ, зиёда аз маблағи франшиза, ки ба маблағи меъёри ҷавобгарии Суғуртакунанда дохил намешавад, муқарар карда мешавад.

15.5. Франшиза ба ҳар як ҳодисаи суғуртавӣ таъин карда мешавад. Агар якчанд ҳодисаи суғуртавӣ фаро расад, маблағи франшиза аз рӯи ҳар кадоми он нигоҳ дошта мешавад.

15.6. Истифодабарии франшиза метавонад омили таъсиррасон ба поёнравии тарифи суғуртавӣ аз ҳисоби истифода бурдани коэффитсиентҳои ислоҳкунӣ, ғайр аз ҳолатҳое, ки истифодабарии франшиза шарти ҳатмии қабули хавф барои суғуртакунӣ мебошад.

## 16. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

Баҳсҳои дар натиҷаи шартномаҳои суғурта ба миёномада бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд. Ҳангоми ба даст наомадани созиш баҳс барои баррасӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд пешниҳод карда мешавад, агар дигар ҳолат дар шартномаи суғурта пешбинӣ нашуда бошанд.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**Замимаи №2**
**ба Қоидаи суғуртаи ихтиёрии мусофирон**

**НАМУНА**

Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур ҳамчун намуна ба ҳисоб меравад. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад дар шакл ва матни намуна тағйирот ва иловаҳо, ки ба Қоидаи суғуртавӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад, ворид намояд.

**ПОЛИСИ СУҒУРТАВӢ**
**Суғуртаи ихтиёрии мусофирон**
**Силсила:__________ Рақам:__________**

**хиёбони Рудакӣ 127 МС «Рудаки Плаза», ут. 501-502**
E-mail: info@spitameninsurance.tj тел. (44) 610 79 97/ (44) 601 79 97

| | | |
|---|---|---|
| Суғуртакунанда: | | |
| Суғурташаванда: | | |
| Суроғаи Суғурташаванда: | | |
| Суғурташуда: | | |
| Объекти суғурта: | | |
| Фоидагиранда: | | |
| Андозаи маблағи суғурта: | Бо рақам ________ **сомонӣ** | Дастнавис (________________________) **сомонӣ** |
| Тарифи суғурта: | ________% | ________________ |
| Андозаи ҳаққи суғурта: | Бо рақам ________ **сомонӣ** | Дастнавис (________________________) **сомонӣ** |
| Тартиб ва мӯҳлати пардохти суғурта: | **Накди/Ғайри накдӣ** | |
| Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо дар полис: | Бо дархости хаттии Суғурташаванда (Суғурташуда). | |
| Тартиб ва мӯҳлати пардохти суғурта: | **Мӯҳлати _____ рӯзи корӣ** | |
| Ҳудуди амали полиси суғуртавӣ: | | |
| Франшизаи (шартӣ/**ғайришартӣ**) : | **Барои ҳамаи хавфҳо – _____%** | |
| Рӯзи додани полиси суғуртавӣ : | **«____» _________ 20___ сол** | |
| Мӯҳлати амали полиси суғурта: | **аз «___» __________ 20___ сол то «___» __________ 20___ сол** | |

**СУҒУРТАКУНАНДА:**
**ҶСДММ «СПИТАМЕН СУҒУРТА»**

ҷ.м. ________________________
имзо

**СУҒУРТАШАВАНДА:**
Бо қоидаҳои суғуртакуни шинос шудам.

________________________
имзо

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

**ШАРТНОМАИ**
**суғуртаи ихтиёрии мусофирон**

«____»_________с.20___ № ____ **ш. Душанбе**

Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен Суғурта» дар шахсияти Директор ______________, ки минбаъд «Суғуртакунанда» номида шуда, дар асоси Оиннома ва Иҷозатномаи №_____ аз «___»________ с.20_____ амал мекунад, аз як ҷониб, ва ____________________ дар шахсияти ____________________________________, ки минбаъд «Суғурташаванда» номида шуда, дар асоси ____________________________________ амал мекунад, Шартномаи мазкурро дар мавзуи зерин бастанд:

## 1. МАВЗУИ ШАРТНОМА

Суғуртакунанда уҳдадор мешавад, ки ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурташуда (ворисони у) пардохти суғуртавиро амалӣ менамояд, Суғурташаванда бошад, уҳдадор мешавад, ки ҳаққи суғуртавиро дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Шартнома пардохт менамояд.

## 2. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

2.1. Объекти суғурта манфиатҳои молумулкии мусофирон (сайёҳон, экскурсантҳо ва диг.) вобаста бо ҳаёту саломатии онҳо мебошад, ки Суғурташаванда онҳоро интиқол менамояд (минбаъд дар матн – Суғурташудагон).

Мусофирони нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан, баҳрӣ, обию автомобили дохилӣ, инчунин сайёҳону экскурсантҳое, ки тавассути ташкилотҳои сайёҳию экскурсионӣ сайр менамоянд, дар вақти сафар (парвоз) то маҳалли мақсади сафар ҳатмӣ суғурта мебошанд.

Ҳуқуқҳои суғурташудагон ба таъмини ҳимояи суғуртавӣ тавассути Суғурташаванда бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

2.2. Мусофирони ҳамаи намудҳои нақлиёти хатсайрҳои байналмилалӣ, роҳи оҳан, баҳрӣ, обию автомобили дохилии нақлиёти хатсайрҳои наздишаҳрӣ ва гузаргоҳҳои обӣ, нақлиёти автомобили хатсайрҳои шаҳрӣ ҳатмӣ суғурта намебошанд.

## 3. МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

3.1. Маблағи суғуртавӣ маблағи пулие мебошад, ки дар доираи он ба зиммаи Суғуртакунанда тибқи Шартнома масъулият вогузор мешавад.

3.2. Маблағи суғуртавӣ барои як Суғурташуда дар ҳаҷми муқаррарнамудаи қонун ё мувофиқи Қоидаҳои суғурта дар санаи харидани ҳуҷҷати сафарӣ муқаррар карда шудааст, ки он ҳамзамон ҳаққи суғуртавӣ ба Суғуртакунанда (агент) ҳангоми харидани чипта мебошад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 4. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

Ҷароҳатгирӣ ва фавти суғурташуда дар натиҷаи фалокат дар нақлиёт, ки дар давраи амали Шартномаи суғурта рух додааст ва бо ҳуҷҷатҳои аз ҷониби мақомоти салоҳиятнок додашуда тасдиқ гардидааст, ҳодисаҳои суғуртавӣ дониста мешаванд.

## 5. ҲАҶМИ ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

Ҳаҷми ҳаққи суғуртавӣ ба маблағи ______________________ сомонӣ (дар ______% нархи чипта) барои як суғурташуда муқаррар карда шудааст.

## 6. МУҲЛАТ ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТАНИ ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Маблағи ҳаққи суғуртавӣ (б.5) ба нархи ҳуҷҷати сафарӣ (роҳхат) дохил ва аз мусофир ҳангоми фурухтани ҳуҷҷати сафарӣ (роҳхат) ситонида мешавад.

Мусофироне, ки ба имтиёз ҳуқуқ доранд (бепул мераванд), бидуни аз ҷониби онҳо пардохт шудани ҳаққи суғуртавӣ воҷиби суғурта мебошанд.

6.2. Суғурташаванда ________________________________________________

(пардохти ҳармоҳа)

ҳаққи суғуртавиро ба суратҳисоби Суғурткунанда на дертар аз рузи ____ моҳи _______ интиқол менамояд.

## 7. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

7.1. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад ба Суғуртакунанда руйхати тадбирҳоро оид ба пешгирии ҳодисаҳои нохуш дар нақлиёт, ки аз ҳисоби захираҳо барои тадбирҳои пешгирикунӣ ва аз ҷониби Суғуртакунанда доир ба суғуртаи ҳатмии шахсии мусофирон бо мақсади таъмини бехатарии мусофирон ташкил дода шудааст, пешниҳод намояд.

Руйхати тадбирҳои пешгирикунӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад.

Суғурташаванда ҳуқуқ дорад аз ҷониби Суғуртакунанда иҷро гардидани талаботу шартҳои Шартномаро санҷад.

7.2. Дар давраи амали Шартнома Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад иттилооти пешниҳоднамудаи Суғурташаванда, инчунин аз ҷониби Суғурташаванда иҷро гардидани талаботу шартҳои суғурта ва Шартномаи мазкурро санҷад ва ба мақомоти салоҳиятнок дархостҳо ирсол намояд.

7.3. Дар давраи амали Шартнома Суғурташаванда уҳдадор аст: дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Шартнома ҳаққи суғуртавиро пардохт намояд; дар хусуси ҳар кадом ҳодисаи нохуше, ки дар нақлиёт бо Суғурташаванда рух додааст, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда санад таҳия намуда, нусхаи якуми онро ба Суғурташуда (намоянда ё ворисони у) диҳад, инчунин тибқи дархости хаттии Суғуртакунанда дар муддати 10 рузи баъди гирифтани дархост ба у нусхаи санадро ирсол намояд.

7.4. Дар давраи амали Шартнома Суғуртакунанда уҳдадор аст:

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ на дертар аз 10 рузи баъди гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиққунандаи воқеан рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҷуброни суғуртавиро пардохт намояд;

- барои маблағгузории тадбирҳо ҷиҳати ҳаққи суғуртавӣ оид ба суғуртаи мусофирон дар ҳаҷми __________% аз маблағи ҳаққи суғуртавии воридгардида захираҳо ташкил диҳад;

- тибқи Низомномаи тасдиқшуда дар асоси руйхати тадбирҳои аз ҷониби Суғурташаванда пешниҳодгардида аз ҳисоби захираҳои ташкилнамудааш тадбирҳои пешгирикунии дар боло нишондодашударо маблағгузорӣ намояд;

- шартҳои Шартномаи мазкурро дар қисмати тартибу шартҳои амалигардонии пардохтҳои суғуртавӣ, инчунин иттилоотро дар бораи Суғуртакунанда (бо нишон додани суроға, телефон, реҷаи кор, реквизитҳои иҷозатномаи тасдиққунандаи ҳуқуқи Суғуртакунанда ба гузаронидани суғуртаи ҳатмии шахсии мусофирон, дигар шартҳои Шартнома ва қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ин намуди суғурта дар қисмати муқарраркунандаи ҳуқуқи Суғурташуда) ба маълумоти ҳар як Суғурташуда расонад.

## 8. ТАРТИБИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ БАЙНИ СУҒУРТАШАВАНДА ВА СУҒУРТАКУНАНДА

Тартиби ҳисоббаробаркуниҳо бо мувофиқаи тарафайн муқаррар карда мешавад.

## 9. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (пардохти таъминоти суғуртавӣ)

9.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ Суғуртакунанда пардохти таъминоти суғуртавиро ба Суғурташаванда дар ҳаҷмҳои зерин ба амал мебарорад:

- дар мавриди осеби Суғурташуда дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар нақлиёт ба у (ё бо дастури Суғурташуда ба намояндаи у) қисми маблағи суғуртавӣ, ки ба дараҷаи вазнинии осеб мувофиқат мекунад, пардохт карда мешавад, ки ҳаҷми он аз руи «Ҷадвали ҳаҷмҳои маблағҳои суғуртавии воҷиби пардохт вобаста бо ҳодисаҳои суғуртавӣ» муқаррар карда мешавад;

- дар мавриди фавти Суғурташуда, маблағи суғуртавӣ дар ҳаҷми пурра ба ворисони у пардохт карда мешавад.

9.2. Пардохти қисми маблағи суғуртавӣ ҳангоми осеби Суғурташуда дар асоси санад дар бораи ҳодисаи нохуш дар нақлиёт, ҳуҷҷати аз ҷониби ташкилоти салоҳиятнок додашуда, ки дараҷаи осебро тасдиқ мекунад, ба амал бароварда мешавад.

9.3. Пардохти пурраи маблағи суғуртавӣ ҳангоми фавти Суғурташуда дар асоси санад дар бораи ҳодисаи нохуш, нусхаи шаҳодатнома дар бораи фавти Суғурташуда, ҳуҷҷати тасдиққунандаи фарорасии ҳуқуқи меросӣ, ба амал бароварда мешавад.

9.4. Пардохтҳои таъмини суғуртавиро Суғуртакунанда тавассути интиқол додани маблағ ба суратҳисоби бонкии гирандаи маблағ,додани чеки бонкӣ, интиқол

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

тавассути почта аз ҳисоби гиранда ё бо пули нақд аз хазинаи Суғуртакунанда амалӣ менамояд.

## 10. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

10.1. Ҳангоми зиёда аз ___________ руз ба таъхир андохтани пардохти ҳаҷми пурраи ҳаққи суғуртавӣ Суғурташаванда барои сари вақт интиқол накардани ҳаққи суғуртавӣ дар ҳаҷми ___% аз маблағи ҳаққи суғуртавии воҷиби пардохтбуда барои ҳар як рузи батаъхирафтода ҷаримаи аҳдшиканӣ (пени) месупорад.

10.2. Ҳангоми зиёда аз ___________ руз ба таъхир андохтани пардохти ҳаҷми пурраи ҳаққи суғуртавӣ Суғурташаванда маблағи қарзи Суғурташаванда, аз ҷумла ҷаримаи аҳдшиканӣ бечунучароаз суратҳисоби Суғурташаванда ихтисор карда мешавад.

10.3. Дар мавриди беасос ба таъхир андохтани пардохти маблағи таъминоти суғуртавӣ Суғуртакунанда уҳдадор аст ба Суғурташуда (ворисони у) дар ҳаҷми 0,1% аз маблағи пардохти суғуртавӣ барои ҳар як рузи батаъхирафтода ҷарима супорад.

## 11. ТАРТИБ ВА ШАРТҲОИ ҚАТЪИ ШАРТНОМА

11.1. Тартиб ва шартҳои қатъи Шартномаро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Қоидаҳои суғуртаи тахиянамудаи ҶСДММ «Спитамен Суғурта» муқаррар намудаанд.

11.2. Ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки Шартномаи мазкур ба танзим надаровардааст, Қоидаҳои суғуртаи таҳиянамудаи ҶСДММ «Спитамен Суғурта» татбиқ карда мешаванд.

## 12. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

12.1. Хамаи баҳсҳои ба танзим надаровардаи Тарафҳо доир ба Шартномаи мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегарданд.

12.2. Шартномаи мазкур дар асоси қонунгузории соҳаи суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар бахши суғуртаи ҳатмии мусофирон амалӣ карда мешавад.

## 13. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

13.1. Муҳлати амали Шартнома аз _________ то 31 декабри соли 20_____ муқаррар шудааст.

13.2. Шартнома аз лаҳзаи ба имзо расидан қувваи қонунӣ пайдо мекунад.

13.3. Агар Тарафҳо дар бораи қатъ намудани Шартномаи суғурта дар муҳлати на кам аз 30 руз то ба итмом расидани амали Шартнома қарор қабул накарда бошанд, Шартнома ба муҳлати минбаъда дарозкардашуда ҳисобида мешавад.

Шартномаи суғурта ба соли тақвимӣ баста мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

13.4. Шартномаи мазкур дар 2 нусха, ки қувваи қонунии якхела доранд, таҳия гардидааст: як нусха дар дасти Суғурташаванда, нусхаи дигар дар дасти Суғуртакунанда қарор дорад.

## 14. СУРОҒАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАРАФҲО

Суғуртакунанда
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Суғурташаванда ______________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Ба Шартномаи мазкур замима мешаванд: Қоидаҳои суғуртаи ихтиёрии мусофирон.

**СУҒУРТАКУНАНДА:**

Ҷ.М. ___________________
(имзо)

«___»________с.20______

**СУҒУРТАШАВАНДА:**

Ҷ.М.__________________
(имзо)

«___»________с.20______

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT